# ТАҚРИЗИ

**муқарризи расмӣ ба диссертатсияи унвонҷӯ Сафаров Некрӯз Шодиевич дар мавзӯи: «Ҷуғрофиёи таърихии давлати Сомониён (дар асоси маъхазҳои таърихӣ)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯи ихтисоси 07.00.09 – Таърихнигорӣ, маъхазшиносӣ ва методҳои таҳқиқоти таърихӣ. –Душанбе, 2019. Диссертатсия 210 саҳ.+Автореферат**

Диссертатсия ба масъалаи ҷуғрофиёи таърихии давлати Сомониён бахшида шудааст, ки барои миллати тоҷик бисёр муҳим аст. Таҳқиқи мавзӯи мазкур ҳудуди ҷуғрофиёии қаламрави Сомониёнро, ки намоди давлатдории миллии мо тоҷикон мебошанд, дақиқан муайян намуда, дар тақвияти худшиносии миллии насли имрӯзу оянда саҳми арзанда мегузорад.

Ҳарчанд олимони бисёр то ин дам ба таҳқиқи масъалаҳои гуногуни марбут ба давлати Сомониён: иқтисоду сиёсат, илму фарҳанг, лашкардорӣ ва ғайра пардохтанд, масъалаи ҷуғрофиёи таърихии давлати Сомониён дар аксари мавридҳо дар шакли мухтасар баён шуда, дар алоҳидагӣ ва ба таври ҷиддӣ таҳқиқ нашудааст. Масалан, то кунун ҳудуди нисбатан дақиқ ва марзҳои умумии давлати Сомониён, тағйироти ҷуғрофиёӣ-сиёсии қаламрави он дар давраҳои гуногун, замони тобеъ шудани манотиқи кунунии Тоҷикистон ба ҳайати ин давлат ва дигар масъалаҳои марбут ба ин мавзӯъ дақиқан маълум карда нашудааст. Дар китобҳои илмӣ ва таълимии муассисаҳои таҳсилоти миёна ва ҳам олии Тоҷикистон ҳоло ҳам харитаҳое истифода мешаванд, ки ҳудуди давлати Сомониён дар онҳо ба таври комил тасвир нашудааст. Аз ҷумла, вилояти таърихии тоҷикнишин – Ғур, қисме аз Сиистон ва дигар навоҳии муҷовири он берун аз ҳудуди ин давлат тасвир шуда, баъзе аз вилоятҳои Эрони ғарбӣ ва марказӣ, ки зиёда аз ним аср тобеи Сомониён буданд, ба харитаи ин давлат ворид нашудаанд.

Таҳқиқи мавзӯи зикршуда аз он ҷиҳат низ муҳим аст, ки ахбори маъхазҳои таърихӣ бо маводи бостоншиносии замони муосир муқоиса карда мешавад ва бо ин восита марзҳои комили дохиливу хориҷӣ ва дар умум ҷуғрофиёи таърихии давлати Сомониён муайян карда мешавад. Дар ин радиф ҳудуди ҷуғрофиёии ташаккули халқи тоҷик ва густариши ҷуғрофиёии забони тоҷикии

дарӣ дар Хуросони Бузург ва берун аз он мушаххас мешавад. Ҳамчунин, бо омӯхтани ҷуғрофиёи таърихии вилоятҳои давлати Сомониён вазъи иҷтимоию иқтисодии ин давлати бузургро дар маҷмуъ равшантар тавзеҳ додан мумкин аст.

Бо такя ба ахбори маъхазҳои таърихӣ ва маводи илмии мавҷуд баррасӣ кардани мавзӯъ ба унвонҷӯ имкон медиҳад, ки таъсири шароити ҷуғрофиёиро ба равандҳои сиёсию иҷтимоӣ дар давлати Сомониён муайян намояд. Чунин равиши илмӣ имкон медиҳад, ки хусусиёти муҳити ҷуғрофӣ-таърихии минтақа дар ин давра ба таври дақиқ муайян карда шавад. Омилҳое, ки дар боло зикр карда шуданд, метавонанд далели қавии муҳим будани мавзӯи таҳқиқкардаи унвонҷӯ бошанд.

Унвонҷӯ маълумоти маъхазҳои муътамади таърихӣ, хусусан осори ҷуғрофиёии асримиёнагӣ ва маводи бостоншиносиро таҳлили қиёсӣ кардааст, бисёр кори арзишманд мебошад. Баъзе аз ахбори маъхазҳои таърихии мазкур бори аввал аз ҷониби унвонҷӯ ба фазои илмӣ ворид карда шудаанд.

Масъалаҳои дар диссертатсия гузошташуда дуруст ва илман асоснок баррасӣ шуда, дар зимни он унвонҷӯ ахбори маъхазҳои таърихӣ ва маводи бостоншиносиро аз назари танқидӣ бо ҳам қиёс намудааст ва дар ин асос марзҳои умумӣ ва дохилии давлати Сомониёнро дақиқан тасвир кардааст. Ҳамчунин, унвонҷӯ муҳимтарин масъала – замони густариш ва коҳиши ҷуғрофиёии давлати Сомониёнро муайян кардааст. Ҷобаҷогузории мураттаби матлабҳо, истифода аз матнҳои маъхазҳои нодир ва ҷумлаҳои пурмазмуну равони адабӣ баёнгари роҳнамоии бевоситаи роҳбари илмӣ мебошанд.

Унвонҷӯ саҳми донишмандони бузурги таърихшинос, аз ҷумла, В. Бартолд, Б. Ғафуров, Н. Н. Неъматов, Ғ. Ғоибов, С. Абдуллоев, Г. Ле Стренҷ, М. Ноҷӣ, А. Зарринкӯб ва дигаронро дар таҳқиқи масъалаҳои марбут ба мавзӯи диссертатсия зикр карда, осори илмии ононро таҳлил ва баррасӣ намудааст.

Арзиши илмии таҳқиқот дар он аст, ки ҷуғрофиёи таърихии давлати Сомониён дар асоси маъхазҳои таърихӣ ба таври фарогир таҳқиқ гардида, ҳудуди давлати Сомониён дар тамоми давраҳои мавҷудияти он муайян карда шудааст. Ҳамчунин, марзҳои ҳар кадом вилоятҳои тобеи давлати Сомониён ва дар умум тамоми ҳудуди ин давлат дар харитаҳое, ки унвонҷӯ бо роҳнамоии

роҳбари илмӣ ва бо такя ба ахбори маъхазҳои таърихӣ таҳия кардааст, дақиқ тасвир ёфтаанд.

Таҳқиқоти диссертатсионии мазкур бо такя ба ду гурӯҳи маъхазҳои таърихӣ: осори ҷуғрофиёии асримиёнагӣ ва асарҳои таърихӣ таълиф шудааст. Бевосита кор кардан бо маъхазҳои таърихӣ, ки кори заҳматталаб мебошад, имкон медиҳад, ки андешаву хулосаҳои нав ва арзишманди илмӣ пешниҳод карда шаванд. Тавре ба мо маълум аст, роҳбари илмӣ дар ин самт яке аз донишмандони шинохтаи мамлакат аст, ки чандин маъхазҳои таърихии нодирро таҳияву тадвин намуда, унвонҷӯро ҳам ба ин кор роҳнамоӣ кардааст.

Таҳқиқоти диссертатсионии мазкурро барои омӯзиши ҷуғрофиёи таърихии асрҳои IX–XI-и Мовароуннаҳру Хуросон ва Эрон, инчунин барои таҳияи асарҳои умумии вобаста ба таърихи асримиёнагии ин сарзаминҳо истифода кардан мумкин аст.

Дар хулосаи диссертатсия унвонҷӯ натиҷаҳои таҳқиқи худро ҷамъбаст карда, дуруст қайд мекунад, ки омӯзиши масоили марбут ба ҷуғрофиёи таърихии давлати Сомониён барои дарки амиқи равандҳои сиёсӣ ва иҷтимоӣ-иқтисодии дар минтақа руҳдода, ки дар сарнавиштиояндаи ин давлат нақши муҳим доштанд, хеле зарур мебошад.

Унвонҷӯ ҳудуди ҷуғрофиёии давлати Сомониён ва муддати ҳокимияти онро ба се марҳала: 1) давраи ба вилоятҳои Мовароуннаҳру Хуросон ҳоким таъйин шудани намояндагони хонадони Сомонӣ, яъне солҳои 819–892; 2) замони таъсиси давлати Сомониён ва густариши ҷуғрофиёии он: 892–943; 3) замони нобасомониҳо, коҳиши ҷуғрофиёи давлати Сомониён ва аз дасти хонадони Сомонӣ берун рафтани Мовароуннаҳру Хуросон: солҳои 60-уми асри X – 1005, ҷудо карда, онро илман асоснок намудааст.

Дар давраи аввал Сомониён асосан Мовароуннаҳр ва вилояти Ҳироти Хуросонро дар ихтиёр доштанд. Дар давраи дувум ин давлат Мовароуннаҳру Хуросон ва қисматҳои марказии Эронро то ба ғарби он – Ҳамадон фаро гирифта, дар шимол то марзҳои ҷанубии қабоили турк пеш рафт. Дар давраи сеюм қисмате аз Хуросон ба шумули шаҳри Ғазна ба ихтиёри Алптегин гузашта, баъдан вилоятҳои соҳили ҷануби баҳри Хазар ва пас аз он Хуросон билохира Мовароуннаҳр аз зери ҳокимияти Сомониён берун рафтанд.

Пас аз мутолиаи комили матни диссертатсия, метавон хулоса кард, ки он таҳқиқоти илмии комил ва арзишмандест, ки муҳокимаву баррасиҳои ҷиддиро гузаштааст. Яъне унвонҷӯ аз уҳдаи иҷрои вазифаҳои дар диссертатсия гузошташуда ба хубӣ баромадааст.

Аммо бо вуҷуди дастовардҳои илмие, ки дар диссертатсия дида мешавад, ба андешаи мо ба назар гирифтани чанд масъала мазмуну муҳтаво ва арзиши илмии онро боз ҳам афзун мекунанд:

1. Дар боби аввали диссертатсия рӯйдодҳои таърихӣ-сиёсӣ нисбатан кам зикр шуда, ҳангоми баррасии баъзе масъалаҳо ба маводи бостоншиносӣ камтар такя шудааст.

2. Дар зербоби сеюми боби дуввум, ки дар бораи макони ҷойгиршавии шаҳрҳо ва вилоятҳои асосии давлати Сомониён сухан меравад, таваҷҷуҳи асосӣ ба шаҳрҳои марказӣ, яъне ба марказҳои маъмурии вилоятҳо равона шуда, дар бораи онҳо маълумоти дақиқ ва муфассали илмӣ дода шудааст. Агар дар оянда барои такмили мавзӯи мазкур имкон пайдо шавад, мо тавсия медиҳем, ки дар хусуси шаҳрҳои дигари вилоятҳои давлати Сомониён низ чунин маълумоти муфассал ва баррасиҳои илмӣ оварда шавад.

3. Пайдоиш ва маънии номи баъзе аз мавзеъҳои ҷуғрофӣ шарҳ дода шудаанд. Агар ин кор дар мавриди номҳои тамоми шаҳру вилоятҳои давлати Сомониён анҷом дода мешуд, боз ҳам беҳтар мебуд.

4. Дар матни диссертатсия баъзан иштибоҳҳои грамматикӣ ва услубӣ ба чашм мерасанд.

Бояд зикр намуд, ки масъалаҳои пешниҳодшуда метавонанд андешаи фардии муқарриз шумурда шаванд ва шояд хислати ҳатмӣ надошта бошанд. Дар ҳар сурат, камбудиҳои зикршуда арзиши илмии кори диссертатсиониро аслан кам намекунанд, зеро натиҷаҳои дар рафти таҳқиқ бадастомада ба маъхазҳои таърихии муътамад асос ёфта, аҳаммияти бузурги амалӣ доранд.

Диссертатсияи унвонҷӯ Сафаров Некрӯз Шодиевич «Ҷугрофиёи таърихии давлати Сомониён (дар асоси маъхазҳои таърихӣ)» кори таҳқиқотии мукаммалест, ки дар чаҳорчӯби он масъалаҳои мухталифи марбут ба мавзӯъ таҳлилу баррасӣ шуда, хулосаҳои илмии асоснок бароварда шудаанд.

Ҳамин тариқ, бо боварӣ метавон иброз дошт, ки хулосаву тавсияҳои дар диссертатсия додашуда дар сатҳи баланди назариявӣ дарҷ гардида, аҳаммияти назарраси илмӣ доранд. Автореферати диссертатсия ва мақолаҳои илмии дар заминаи он нашршуда мазмуну мундариҷаи асосӣ ва навгониҳои илмии таҳқиқоти мазкурро комилан инъикос мекунанд. Диссертатсия тибқи натиҷаҳои бадастомада, истифодаи амалӣ ва сифати вироиш комилан ба талаботи муқаррарнамудаи бандҳои 10, 11, 12 «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвони илмӣ (дотсент, профессор)», ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26.11.2016 №505 тасдиқ гардидааст, мувофиқ буда, унвонҷӯ Сафаров Некрӯз Шодиевич ба гирифтани дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯи ихтисоси 07.00.09 – Таърихнигорӣ, маъхазшиносӣ ва методҳои таҳқиқоти таърихӣ арзанда аст.

**Муқарризи расмӣ**
**профессори кафедраи фанҳои**
**гуманитарӣ-иҷтимоии**
**Донишкадаи кӯҳӣ-металлургии Тоҷикистон,**
**доктори илмҳои таърих**

**Давлатов Муллошо**

2-юми декабри соли 2019

Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Бӯстон, кӯчаи Московская 6
Тел.: +992 (83451) 5-01-75; E-mail: gmit_tajikistan@mail.ru

*Имзои профессор Давлатов Муллошоро тасдиқ мекунам*

Сардори шуъбаи кадрҳои Донишкадаи кӯҳӣ-металлургии Тоҷикистон

*Муминова Д.* 2.12.2019